**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛЙ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД**

Рўйхатга олинди:
№ БД–5120100– 1.04
2021 йил "27" август

"ТАСДИҚЛАЙМАН"
Р.И.Халмурадов
____________
202_ йил «___»________

# БАДИИЙ МАТН ТАҲЛИЛИ
фанидан
# ТАЪЛИМ ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 000 | -Гуманитар ва санъат |
| Таълим соҳаси: | 120 000 | - Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос | 5120100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

| Фан/Коди модул BMTM1006 (бакалавриат/ магистратура) | Соли хониши 202_-202_ | Семестри 3 | ECTS-Кредитҳо 6 |
|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Маҷбурӣ** | **Забони таълим** Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина 6** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | **Номи фан** | **Машғулотҳои аудиторӣ (соат)** | **Таълими мустақил (соат)** | **Ҷамъи сарборӣ (соат)** |
| | **Таҳлили матни бадеӣ** | 90 | 90 | 180 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯхтани фанни «Таҳлили матни бадеӣ» барои донишҷӯёни кафедраи забон ва адабиёти тоҷикии факултети филология дар он аст, ки онҳо бояд ба тарзи умумӣ доир ба масъалаҳои умумии фанни шеършиносӣ, аз қабили санъатҳои бадеӣ, арӯз, қофия, шеъру шоирӣ, тасвирҳои бадеӣ ва меъёрҳои образофаринӣ ва дигар масоил ошноӣ пайдо намоянд.

Вазифаи фанни «Таҳлили матни бадеӣ» аз ба мутахассисони ояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар бораи масоили гуногуни назарии адабиёт, аз қабили шеъру шоирӣ ва шартҳои он маълумот додан; оид ба афкори назарии олимони адабиётшиноси асримиёнагӣ ва осори онон маълумот додан; малакаи таҳлили назарии мустақилонаи асари бадеиро ва муайян кардани санъатҳои бадеиро дар донишҷӯён ташаккул додан иборат аст.

## II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)

### II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:

**Мавзӯи 1. Мақсад ва вазифаҳои фан. Омӯзиши матни бадеӣ**

Шинохти матн аз назари намуди он: матни илмӣ, илмӣ-адабӣ, бадеӣ ва ҳоказо. Тафовути равиши кор дар анвои матнҳо

**Мавзӯи 2. Матни бадеӣ ва роҳҳои таҳлили он.**

Таҳлили илмӣ ва таҳлили бадеӣ: умумият ва фарқияти онҳо. Предметҳои мавриди баррасӣ дар таҳлил

**Мавзӯи 3. Таҳлили матни бадеӣ ва омӯзиши масъалагузории илмӣ доир ба асари бадеӣ.**

Муайян кардани масъалаҳои муҳими проблемавӣ дар ҷараёни хониши матни бадеӣ. Масъалагузорӣ намудан аз рӯи матнҳои бадеӣ.

| | |
|---|---|
| | **Мавзӯи 4. Ифодаи шахсият, характер ва ҷаҳонбинии эҷодкор дар матни бадеӣ.**<br>Асари бадеӣ – оинаи инъикоскунандаи характер ва ҷаҳонбинии нависанда. Шинохти шахсияти эҷодкор аз рӯи матни бадеӣ.<br><br>**Мавзӯи 5. Аҳамияти таваҷҷӯҳ ба услуби эҷодӣ дар шинохти шахсияти эҷодкор**<br>Таваҷҷӯҳ ба интихоби услуби эҷодӣ ва заминаҳои объективию субъективии услуб. Таъсири муҳити хонаводагӣ ва худтарбиякунӣ, муҳити иҷтимоӣ дар ташаккули услуби фардии шоир ва адиб.<br><br>**Мавзӯи 6. Қаҳрамони лирикӣ.**<br>Қаҳрамони лирикӣ яке аз образҳои муҳим дар назми форсӣ. Муродифҳои он. Қаҳрамони лирикӣ дар шеъри шоирони мумтози форсӣ-тоҷикӣ<br><br>**Мавзӯи 7. Умумият ва фарқиятҳои қаҳрамони лирикӣ аз шахсияти шоир.**<br>Фаол шудани шахси шоир дар шеъри муосир ва сабабҳои он. Фарқият ва умумиятҳои қаҳрамони лирикӣ аз шахси шоир.<br><br>**Мавзӯи 8. Замон ҳамчун ифодагари тамоюли ғоявии эҷодкор дар асари бадеӣ.**<br>Замон воситаи ифодакунандаи тамоюли ғоявии адиб ва шоир дар асари бадеӣ. Замони таърихӣ ва замони бадеӣ. Моҳияти замони бадеӣ ва вобастагӣ доштани он ба ғояи бадеии асар.<br><br>**Мавзӯи 9. Мавқеи устура дар назми форсӣ-тоҷикӣ. 2 соат**<br>Истифода аз асотирҳои қадимаи эронӣ ва динӣ дар назми форсӣ-тоҷикӣ. Устура яке аз унсурҳои муассир дар каломи бадеӣ.Мавқеи устура дар адабиёти қадим, назми мумтози форсӣ ва назми муосири тоҷикӣ.<br><br>**Мавзӯи 10. Таҳаввули насри тоҷик дар ҷараёни сайри таърихии он. 2 соат**<br>Хусусиятҳои услубии насри куҳани форсӣ. Масъалаи мазмун ва шакл дар он. Хусусияти ривоятии насри куҳан. Қисса андар қисса. Масъалаи идома ва пайравӣ аз анъанаҳои маъмул дар назми мумтози форсӣ дар насри муосири тоҷик.<br>**Мавзӯи 11. Ифодаи кайфияту ҳолат ва мароми эҷодкор ба** |

**воситаи ранг дар шеър. 2 соат**

Рангҳо ҳамчун рамзи андеша ва ормонҳои адибу шоирон дар асари бадеӣ. Ранг ҳамчун ифодагари ғоя дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлавӣ. Тасвирсозиҳо бо истифода аз рангҳо.

**Мавзӯи 12. Масъалаи ҳаҷм ҳамчун яке аз қоидаҳои шакли шеърӣ.**

Ҳаҷм ҳамчун як нишонаи қолаб ва жанри шеърӣ. Таносуби қолаб ва ҳаҷм дар шеъри форсии тоҷикӣ

**Мавзӯи 13. Байт ҳамчун воҳиди ченаки шеър.**

Байт воҳиди хурдтарини шеър. Аҳамияти байт дар танаввӯъ гирифтани назми форсӣ-тоҷикӣ аз назари жанр. Тафовути он аз банд.

**Мавзӯи 14. Интиқол ёфтани эҳсос ва андешаи шоир аз шеър ба дили хонанда.**

Эҳсос ва андеша ду омили мутафовит дар шеър. Маҳорати дуруст ифода намудани эҳсос ва андеша. Эҳсосӣ шудани шоир ва хатари он. Андеша ва ҳикмат дар шеър

**Мавзӯи 15. Масъалаи забон ва истифода аз вожагон дар назми муосир.**

Забони шеъри имрӯзи тоҷикӣ. Салосату фасоҳати забон дар шеъри муосир. Майл ба сабки ҳиндӣ ва тасвиргароӣ яке аз воситаҳои гуногунрангии вожаҳо ва мураккаб шудани баён дар шеъри тоҷикӣ.

**Мавзӯи 16. Вусъати андеша дар шеъри шоир ҳамчун омили муассирии он.**

Баёни ғайримустақим ва мармузу пӯшида ҳамчун маҳорати баёни шоир дар назм. Масъалаи шеъи ростин. Ифодаи мазмун ва ғояҳои баланд ҳамчун нишонаи рушди маънавии афкор ва тахайюли бадеии эҷодкор. Шеъри Ҳофиз. Шеъри баланди имрӯза

**Мавзӯи 17. Баландии хаёли эҷодкор як омили ҷаззобӣ ва мондагории шеър**

Ифодаи мазмун ва ғояҳои баланд ҳамчун нишонаи рушди маънавии афкор ва тахайюли бадеии эҷодкор. Шеъри Ҳофиз. Шеъри баланди имрӯза

**Мавзӯи 18. Тамоюли тоза дар шеъри тоҷик дар ибтидои асри бистум. Ба вуҷуд омадани шеъри иҷтимоӣ.**

Дар давраи нави таърихӣ дар оғози асри XX боло рафтани андешаи иҷтимоии мардум ва таваҷҷӯҳи шоирон ба масъалаҳои иҷтимоиву сиёсии кишвар ҳамчун заминаи инкишофи шеъри иҷтимоӣ.

**Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалй аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Шинохти чеҳраи адабӣ ва шахсии шоир
2. Инъикоси мавзӯи таърих дар шеъри тоҷик
3. Таҳлили порае аз "Лубоб-ул-албоб"-и Авфии Бухороӣ
4. Шеъри ватандӯстӣ дар назми муосири тоҷик. Шеъри Лоиқ
5. Мадҳу ситоиш дар шеъри ватандӯстии тоҷик
6. Устураҳои динӣ ва истифода аз он дар назми форсӣ
7. Таҳлили бадеии достони "Ҳусн ва дил"-и Ф.Нишопурӣ
8. Истифодаи рамз дар достони "Ҳусн ва дил"-и Ф.Нишопурӣ
9. Ҷилваи ранг дар шеъри шоирон, аҳамияти он дар тасвирофаринӣ
10. Мӯъҷазии сухан дар шеъри сафед
11. Тӯлёбии сухан дар шеъри сафед
12. Лиризми баланд дар шеъри Сиёвуш
13. Вижагии забони шеъри Доро Наҷот
14. Истифодаи истилоҳоти хориҷӣ дар шеъри муосири тоҷик
15. Масъалаи тасвирофаринӣ дар шеъри Гулрухсор
16. Корбасти услуби бедилӣ дар шеъри муосири тоҷик
17. Масъалаи шакл ва мазмун дар насри Баҳманёр
18. Шеъри бачагонаи тоҷик ва намояндагони он
19. Қаҳрамони лирикии шеъри Фарзона
20. Устураҳои эронӣ дар назми форсӣ
21. Шеъри шиорӣ ва хусусиятҳои он
22. "Равзат-ул-ҷаннот"-и Муиниддин Замчии Исфизорӣ
23. Ранг ҳамчун рамзи бадеӣ дар "Маснавии маънавӣ"
24. Шеъри мондагор ва ноустувор
25. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъри муосир. Парадокс.
26. Ҳинҷоргурезӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ
27. Ҷойгоҳи рамз дар шеър

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ

| | |
|---|---|
| | чиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**III. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Рӯдакӣ ва салосату фасоҳати сухани шоир<br>2. Шеъри Рӯдакӣ ва масъалаи саҳли мумтанеъ<br>3. Муболиға ва истифода аз он дар достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ<br>4. Истиора ва истифода аз он дар достонҳои “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ<br>5. Масъалаи шакли шеър дар назми муосири тоҷик<br>6. Доро Наҷот- шоири сапедсаро<br>7. Лоиқ Шералӣ ва рушди шеъри иҷтимоӣ дар назми тоҷик<br>8. Рушди шеъри ватандӯстӣ дар шеъри муосир<br>9. Бозор Собир ва масъалаи тасвирофаринӣ дар назми муосири тоҷик<br>10. Ҷойгоҳи рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Бозор Собир<br>11. Инъикоси рӯҳи замон дар шеъри муосир<br>12. Масъалаи шакли шеър дар ашъори Аскар Ҳаким<br>13. Фарзона яке аз шоирони тавоно дар офариниши ғазал<br>14. Шеъри сафеди тоҷик ва мушахасоти он<br>15. Тӯл ёфтани сухан дар шеъри сапеди Фарзона<br>16. Мавқеи санъати талмеҳ дар ашъори Доро Наҷот<br>17. Мавқеи санъати талмеҳ дар ғазалиёти Ҳофиз<br>18. Суннати қисса андар қисса дар насри мумтози форсӣ<br>19. Вижагии шакл ва сохтори бадеии “Гулистон”-ии Саъдии Шерозӣ<br>20. Хусусияти қофиябандӣ дар ашъори озоди Аскар Ҳаким<br>21. Баҳманёр ва масъалаи анъанаи насри мумтоз дар осори ӯ<br>22. Мавқеи шеъри иҷтимоӣ дар назми муосири тоҷик<br>23. Байти фахрия ва ҷойгоҳи он дар ғазалиёти шоирони форс-тоҷик<br>24. Мавқеи панду ҳикмат дар шеъри шоирони форсигӯ<br>25. Мавқеи санъати муболиға дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ<br>26. Инъикоси устураҳои қадимаи эронӣ дар назми шуарои мумтоз<br>27. Инъикоси устураҳои исломӣ дар назми шуарои мумтоз<br>28. Шеъри тоҷикӣ ва рушди он дар Ӯзбекистон<br>29. Ифодаи мазмунҳои нави бадеӣ дар ашъори Ҷаъфар Муҳаммад |

| | |
|---|---|
| | 30.Масъалаи интиқоди шеъри тоҷик дар Ӯзбекистон |
| 3 | **IV. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>- дар бораи шинохти моҳияти назм ва шеър *тасаввур ҳосил намоянд*;<br>- оиди санъатҳои бадеӣ ва вижагиҳои онҳо ва корбасти онҳо дар эҷодиёти шоирон *соҳиби дониши кофӣ гарданд*;<br>- санъатҳои бадеии ҷудогонаро *шиносанд ва аз ҳам фарқ карда тавонанд*;<br>- *бо дониши назарӣ* оид ба назарияи шеър, аз қабили вазну қофия, санъатҳои бадеӣ *мусаллаҳ гарданд*;<br>- бо афкори назарии олимони назариётчӣ ва адабиётшиносон *ошно бошанд*;<br>- бо тадқиқоти илмии дар бораи ашъори шоирони мухталиф анҷомёфта комилан ошноӣ дошта бошанд ва дар фаъолияти касбӣ аз онҳо *самаранок истифода намоянд.* |
| 4 | **V.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VI. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифашои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиёти асосӣ**<br>1. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ.-Душанбе: Ирфон, 1974.<br>2. Давронов С. Сохти шеъри тоҷикӣ.-Душанбе: Ирфон, 1976.<br>3. Давронов С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ.-Душанбе: Маориф, 1992.<br>4. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан.-Душанбе: Маориф, 1992.<br>5. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт.-Душанбе: Маориф, 1990.<br>6. Сирус Б. Арӯзи тоҷикӣ.-Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. |

## Адабиёти иловагӣ


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома.–Душанбе: Ирфон, 1964
2. Амонов Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. Душанбе: Дониш, 1987.
3. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. –Душанбе, 1990
4. Гаспаров М.Л. Поэтика // Литературный энциклопедический словарь (ЛЭС). С. 295-296
5. Жирмунский В.М. Теория литературы. Поэтика. Стилистика. С. 15-55.
6. Мусулмониён Р. Асрори сухан.-Душанбе: Ирфон, 1980.
7. Мирзоев А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XУ // Мирзоев А.
8. Мирзоев Х. Таърихи адабиёти тоҷик. (аз давраи қадим то асри VIII). –Душанбе, 1989.
9. Самадов А. Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ. –Тошканд, Муҳаррир, 2012
10. Паперный З. О художественном образе. –М.: Изд. полит. лит., 1961, 72 стр.
11. Саъдиев С. Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII. Д.:Дониш,1980, 138 с.
12. Сездаҳ мақола.-Душанбе: Ирфон, 1977.
13. Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам.-Душанбе: Маориф, 1991.
14. Томашевский Б.В. Теория литературы. Поэтика [1925-1931]
15. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам.-Душанбе: Адиб, 1991.
16. Шафеии Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ.- Теҳрон: Огоҳ, 1370,732 саҳ.
17. Шарафуддинов О. Замон, Қалб, Поэзия. Т.: Ўзадабийнашр, 1962, 232 бет.
18. Шарифов Худоӣ. Услуб ва камолоти сухан, Д.:Ирфон, 1985, 176 саҳ.
19. Шарифов Х. Шоир ва шеър (Маҷмӯаи мақолаҳо). Д.: Адиб, 216 с.
20. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ. Д.:Ирфон, 2002, 278 с.
21. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ,Д.:Ҳумо, 2005,384 с.
22. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ.- Душанбе: Ирфон, 1966.
23. Ҷумъа Ҳамроҳ. Накди шеър. (солҳои 60-80-уми асри XX) Т.: Фан, 2006,132 с


**Сайтҳои интернет:**


24. http://www. Яндекс. Словари © 2001.Большая Российская Энциклопедия, 1969-1978 //Модернизм и постмодернизм.
25. http://zpu-journal/ru/e-zpu/2009/5/sigachev Электронный журнал. «Знание. Понимание.Умение» 2010 Авангардизм. Натурализм. Модернизм. Постмодернизм

| | |
|---|---|
| 7 | Дастури фан мутобики баённомаи №_____ дар санаи "__" ______ соли 202___ Шӯрои мувофикгардонии фаъолияти иттиходияи илмию услубии равишҳои таълими мактабҳои Олӣ ва миёнаи махсус, касбию ҳунарии Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ карда шудааст.<br><br>Бо фармони рақами ____ соли 202_ "__" _____ Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Республикаи Ӯзбекистон маъқул карда шудааст ва ба тасдиқ намудани дастури фан аз тарафи муассисаҳои таълими олии такявӣ розигӣ додааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>Д.Ҳазратқулиён - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>С.Саъдиев - доктори фанҳои филологӣ, профессори ДДС<br>А.Шерназаров – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |

**Кафедра мудири: проф. Ҷ.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси: проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**

**СамДУ Ӯқув ишлари бӯйича проректори:**

**___________ А.С.Солеев**

**"24" август 2021 йил**